*УДК 342*
*DOI 10.24412/3005-8023-2025-2-27-33*

# *МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ АСОСҲОИ СОХТОРИ КОНСТИТУТСИОНӢ*

***Эргашева Шарофат Икромовна,*** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# *ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ОСНОВ КОНСТИТУЦИОННОГО СТРОЯ*

***Эргашева Шарофат Икромовна,*** *ассистент кафедры конституционного права юридического факультета ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

# *THE CONCEPT AND ESSENCE OF THE BASIS OF THE CONSTITUTIONAL SYSTEM*

***Ergasheva Sharofat Ikromovna,*** *assistant of the department of constitutional rights of Law faculty under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *sharofatergasheva97@gmail.com*

*Мафҳум ва моҳияти асосҳои сохтори конститутсионӣ таҳлил карда шудаанд. Дар заминаи ақидаҳои олимон унсурҳои таркибии асосҳои сохтори конститутсионӣ: асосҳои сохтори давлат ва асосҳои сохтори ҷамъият муайян карда шудаанд. Мафҳуми маҳдуд ва мафҳуми васеи асосҳои сохтори конститутсионӣ мавриди шарҳу тавзеҳ қарор гирифтааст. Таъкид шудааст, ки меъёрҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ барои танзими муносибатҳои ҷомеа ва давлат, муносибатҳои худи давлат бо давлатҳои дигар, мавқеи давлат дар ҳаёти ҷомеа ва мавқеи халқ дар ташкили ҳокимияти давлатӣ хизмат мекунад. Хусусиятҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ баррасӣ ва дар заминаи онҳо мафҳуми муаллифӣ пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо****: давлат, танзими муносибатҳои ҷомеа, асосҳои сохтори конститутсионӣ, сохтори давлатӣ, сохтори ҷамъиятӣ*

*Проанализированы понятие и сущность основ конституционного строя. Согласно мнениям ученых определены составные элементы основ конституционного устройства: основ государственного устройства и основ устройства общества. Разъясняются ограниченное и широкое понятие основ конституционного строя. Подчеркнуто, что основные нормы конституционного устройства служат для регулирования отношений между обществом и государством, отношений государства с другими государствами, положения государства в жизни общества и положения народа в организации государственной власти. Рассмотрены характеристики основ конституционного строя и на их основе предложено авторское определение данного понятия.*

***Ключевые слова****: государство, регулирование общественных отношений, основы конституционного строя, государственный строй, социальный строй*

*The article analyzes the concept and essence of the foundations of the constitutional system. Based on the opinions of scientists, the constituent elements of the foundations of the constitutional system are defined: the foundations of the state system and the foundations of the structure of society. The limited and broad concept of the foundations of the constitutional system are explained. It is emphasized that the basic norms of the constitutional structure serve to regulate relations between society and the state, relations of the state with other states, the position of the state in the life of society and the position of the people in the organization of state power. The characteristics of the foundations of the constitutional system are considered and, based on them, the author's definition of this concept is proposed.*

***Key-words:*** *state, rule of social relations, basis of the constitutional system, state system, social system*

Барои таъмини низоми устувори ҳуқуқӣ, меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқие лозиманд ки қоидаҳои рафторро дар ҷамъият ба танзим даророанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои ҷамъиятиро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим медароранд. Ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар маҷмуъ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз боби аввали он - «Асосҳои сохтори конститутсионӣ» сарчашма мегиранд.

Мафҳуми асосҳои сохтори конститутсионӣ дар шакл ва мазмуни ҳозирааш ба пайдоиши конститутсияҳои аввалини дунё алоқаманд буда, мафҳуми нисбатан нав мебошад. Конститутсия санади меъёрии ҳуқуқии қувваи олии ҳуқуқидошта мебошад, ки асосҳои сохтори ҷомеа ва давлатро дар асоси «созиши тарафайн» муайян мекунад. Асосҳои сохтори конститутсионӣ созиши байни синфҳоро дар меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ инъикос мекунад. Дар қисмати асосҳои сохтори конститутсионии Конститутсия меъёрҳои сарчашмавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд. Масалан, дар боби якум, моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асосҳои сохтори конститутсиониро мустаҳкам менамояд, сохтори давлати Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муқаррар карда шудааст.

Асосҳои сохтори конститутсионӣ дар як вакт унсурҳои муҳимтарини таркиби ҷамъият ва давлатро муайян намуда, заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мафкуравии ҳаёти ҷамъиятиро дар сатҳи конститутсионӣ муқаррар мекунанд. Дар бисёри мавридҳо асосҳои сохтори конститутсионӣ новобаста аз шакл ва мазмуни Конститутсия асосҳои сохтори ҷомеа ва давлатро муайян мекунанд. Сохтори ҷомеа ва давлат маҳз аз Конститутсия сарчашма мегирад, ки дар “Асосҳои сохтори конститутсионӣ ” мустаҳкам карда мешавад.

Падидаи асосҳои сохтори конститутсионӣ яке аз предметҳои омӯзиши илми ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Паҳлуҳои гуногуни падидаи мазкур аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Қайд карда мешавад, ки асосҳои сохтори конститутсионӣ яке аз институтҳои асосии ҳуқуқи конститутсионӣ буда, барои боқимонда институтҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун сарчашма баромад мекунад [3, с.75].

Вобаста ба мафҳуми асосҳои сохтори конститутсионӣ мавқеи олимон гуногун аст. Н. Михалева мафҳуми асосҳои сохтори конститутсиониро яке аз институтҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ҳисобида, қайд мекунад ки «он аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат аст, ки принсипҳои асосии ҳаёти давлатӣ ва чамъиятӣ, муносибатҳои байни шахс, ҷомеа ва давлатро муқаррар мекунанд» [13, с.64].

Ба ақидаи Гошуляк В.В. «асосҳои сохтори конститутсионӣ гуфта, тартиботеро меноманд, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон риоя карда мешаванд ва давлат ба ҳуқуқ тобеъ буда, дар асоси конститутсия фаъолият мекунад» [4, с.26]. Катков Д.Б., Корчиго Е.В. дар он ақидаанд, ки асосҳои сохтори конститутсионӣ тарзи ташкили чунин сохтори давлатиеро муайян мекунад, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон кафолат дода шуда, давлат ба меъёрҳои конститутсонӣ тобеъ мебошад [11, с.16].

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили мафҳумҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ мо мушоҳида карда метавонем, ки мафҳумҳое низ мавҷуданд, ки аз мафҳумҳои пешниҳодшуда ба куллӣ фарқ мекунанд. Масалан, ба назари М.И. Гранкин асосҳои сохти конститутсионӣ низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратие мебошанд, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро арзиши олӣ меҳисобанд [5, с.3].

Мафҳумҳои болозикр ба мо имконият медиҳанд, ки ду ҷанбаи асосҳои сохтори конститутсиониро баррасӣ кунем. Якум, дар мазмуни маҳдуд асосҳои сохтори конститутсионӣ аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборат аст, ки дар меъёрҳои конститутсионӣ мустаҳкам карда шуда, муносибатҳои сарчашмавии ҷомеа ва давлатро танзим мекунанд. Дуюм, мафҳуми асосҳои сохтори конститутсионӣ мафҳуми васеъ буда, таркиби он аз

мафҳуми «асосҳои сохтори давлат» ва «асосҳои сохтори ҷамъият» иборат аст.

Аз ин ҷо таҳти мафҳуми сохтори давлатӣ – маҷмуи муносибатҳои сиёсӣ – ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат фаҳмида мешавад, ки бо меъёрҳои конститутсионӣ – ҳуқуқӣ танзим карда шудааст. Меъёрҳои конститутсионие ки шакл ва моҳияти давлат, рамзҳо ва муқаддасоти давлатӣ, сиёсати дохилию хориҷии давлат, объектҳои моликияти давлатиро мустаҳкам мекунанд, асосҳои сохтори давлатро ифода мекунанд. Сохтори давлатӣ ҳама вақт ба сифати унсури асосҳои сохтори конститутсионӣ баромад карда наметавонад. Сохтори давлатӣ танҳо дар он сурат конститутсионӣ шуда метавонад, ки дар он Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ асосҳои сохтори давлатро муқаррар карда бошад. Дар баъзе мафҳумҳое, ки нисбати асосҳои сохтори конститутсионӣ пешниҳод шудаанд, танҳо асосҳои сохтори давлат нишон дода шудаасту халос. Масалан, Е.И. Козлова ва О.Е. Кутафина таҳти мафҳуми асосҳои сохтори конститутсионӣ «чунин тарзи ташкили давлатиеро мефаҳманд, ки он тобеияти давлатро ба ҳуқуқ таъмин намуда, хусусияти давлатро чун давлати конститутсионӣ ифода мекунад» [12, с. 36], ё ин ки олими рус М.В. Баглай дар зери мафҳуми асосҳои сохтори конститутсионӣ тартиботеро ки «ҳуқуқу озодиҳои инсон риоя карда мешаванд ва давлат дар асоси конститутсия фаъолият мекунад» [1, с.98] дар назар дорад. Ба назар мерасад, ки муаллифон асосҳои сохтори ҷомеаро дар мафҳуми асосҳои сохтори конститутсионӣ ба инобат нагирифтаанд. Чунончи О.Е. Кутафина боз ҳам қайд мекунад: «Сохтори ҷамъиятӣ мафҳуми давлатӣ – ҳуқуқӣ набуда, балки мафҳуми ҷамъиятӣ - сиёсие мебошад, ки дар худ тамоми муносибатҳои ҷамъиятиро таҷассум мекунад» [12, с. 95]. Аммо дар натиҷаи омӯзиши сохтори конститутсионии давлатҳо мо мушоҳида карда метавонем, ки дар аксарияти онҳо (аз ҷумла ҳамаи давлатҳои аъзои ИДМ) ҳам сохтори давлат ва ҳам сохтори ҷомеа дар сатҳи Конститутсия мустаҳкам карда шудаанд.

Муҳаққиқони соҳаи давлатшиносӣ бар он ақидаанд, ки давлат бе ҷомеа мавҷуд буда наметавонад. Дар назарияи «се унсур» аҳолӣ яке аз нишонаҳои давлат ҳисобида мешавад, назарияи муосири ҳуқуқӣ бошад, халқро пояи давлат меҳисобад [14, с. 446]. Дар ҳоле ки халқ унсури асосии давлат аст, чӣ гуна сохтори давлат бе ҷомеа муайян карда мешавад. Метавон гуфт, ки ҳастии давлат ва сохти он аз омилҳое муайян карда мешаванд, ки бевосита ба ҷамъият алоқамандӣ доранд. Асосҳои сохтори давлатӣ аз урфу одат, маданият, шуури ҳуқуқии аҳолӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ, ки дар маҷмуъ муносибатҳои ҷамъиятиро ташкил дода, сохтори ҷомеаро муайян мекунанд, сарчашма мегирад. Заминаҳои пайдоишу ташаккули давлат ва ҷамъият ба шакли Конститутсия ва меъёрҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ таъсири калон мерасонанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ – конститутсионӣ мутобиқан ба муносибатҳои ҷамъияти муқаррар карда мешаванд. Масалан, дар давлатҳое, ки меъёрҳои динӣ ба муносибати ҷамъиятӣ таъсири бештар мерасонанд, мавқеи дин дар ҷомеа калон аст, ҷамъият иҷрои урфу одатҳои диниро муҳим меҳисобанд, асосҳои сохтори давлат низ мутобиқан бо меъёрҳои динӣ муқаррар карда мешаванд.

Аз тарафи дигар, шакл ва моҳияти давлат, ки ба таркиби асосҳои сохтори давлат дохил мешаванд, аз муносибатҳои ҷамъиятӣ вобастагии калон дорад. Масалан, агар асосҳои сохтори конститутсионӣ режими сиёсии давлатро демократӣ эълон карда бошад, бояд ки халқро соҳибихтиёр эълон намуда, шаклҳои таҷассуми соҳибихтиёрии халқро низ дар асосҳои сохтори конститутсионӣ мустаҳкам намояд. Ба сифати шаклҳои таҷассуми соҳибихтиёрии халқ раъйпурсӣ ва интихобот мисол шуда метавонанд.

Ба фикри мо асосҳои сохтори конститутсионӣ ҳам асосҳои сохтори давлатӣ ва ҳам сохтори ҷамъиятро фаро мегирад. Яъне зери мафҳуми «асосҳои сохтори конститутсионӣ» меъёрҳои ҳуқуқӣ – конститутсионие дар назар дошта мешаванд, ки муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро, ки ба сохтори давлат ва ҷамъият алоқаманд мебошанд, ба

танзим медароранд. Дар ин ҷо ақидаи олимон В.Г. Стерекозов ва Ю.Д. Казанчевро ҷонибдорӣ кардан мумкин аст: «Асосҳои сохтори конститутсионӣ маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ – конститутсионие мебошанд, ки асосҳои сохтори ҷомеа ва давлатро дар маҷмуъ ба танзим медароранд» [15, с.47].

Аз ақидаҳои дар боло ишорашуда хулоса карда гуфтан мумкин аст ки асосҳои сохтори конститутсионӣ манбаи сохтори сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа ва давлат буда, дар шакли меъёрҳои конститутсионӣ – ҳуқуқӣ дар қонунҳои асосии давлатҳо мустаҳкам карда мешаванд. Асосҳои сохтори ҷомеа ва давлат бо ба инобат гирифтани омилҳои пайдоиши ҳамин давлат, ҳолати сиёсӣ – ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷамъият муайян карда шуда, минбаъд низоми сиёсӣ - ҳуқуқии ҷомеа ва давлатро муқаррар мекунад.

Ҷанбаи дигари асосҳои сохтори конститутсионӣ моҳияти асосҳои сохтори конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Моҳияти падидаро хусусиятҳои дохилии падида ташкил дода, ба саволи «барои чӣ ҳамин падида мавҷуд аст?» ҷавоб медиҳад. Одатан муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ [10, с.102.] асосҳои сохтори конститутусионӣ гуфта, маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқи конститутсиониеро дар назар доранд, ки дар меъёрҳои Конститутсия мустаҳкам карда шуда, асосҳои сохтори ҷомеа ва давлатро муқаррар мекунанд. Ё ин ки «Асосҳои сохтори конститутсионӣ узвҳои муҳимтарини сохтори ҷомеа, шакл ва моҳияти давлат, алоқамандии манфиатҳои куллии байни инсон ва шаҳрванд ва ҷамъияту давлатро дар сатҳи олии ҳуқуқӣ муқаррар ва танзим мекунанд» [7, с.21].

Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки меъёрҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ барои танзими муносибатҳои ҷомеа ва давлат, муносибати худи давлат бо давлатҳои дигар, мавқеи давлат дар ҳаёти ҷомеа ва мавқеи халқ дар ташкили ҳокимияти давлатӣ хизмат мекунанд. Асоси методологии ин таърифро олимони рус И.В. Червонюк ва Е.Ю. Зинченко омехташавии «хоҳиш ва амалишавии хоҳиш» меҳисобанд ва ақидаеро ҷонибдорӣ менамоянд, ки «муносибатҳои давлатӣ ва ҷамъиятие, ки мо дар Конститутсия муқаррар мекунем, ҳанӯз маънои дар амалия пурра татбиқ шудани онро надорад. Муаллифоне, ки моҳияти асосҳои сохтори конститутсиониро танҳо ба муқаррар кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ – конститусионии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ алоқаманд медонанд, бар он назаранд, ки асосҳои сохтори ҷомеа ва давлат бо роҳи муқаррар намудани меъёрҳо дар Конститутсия дар амалия татбиқ мешаванд» [6, с. 185]. Лекин чи хеле ки дар боло қайд карда шуд, муқаррар намудани меъёр ҳанӯз маънои пурра дар амал татбиқ шудани онро надорад.

Идомаи мантиқии ақидаи мазкур ҳангоми қабули Конститутсияи ИҶШС соли 1936 ба назар мерасад. И. В. Сталин дар муҳокимаи он гуфта буд, ки «конститутсия ҳамон музаффариятҳоеро ба қайд гирифта, қонунан мустаҳкам менамояд, ки аллакай он ба даст овард, татбиқ гардидааст» [7, с.21].

Аз ин ҷо моҳияти асосҳои сохтори конститутсиониро бо ду мазмун фаҳмидан мумкин аст. Якум мазмуни «аслӣ» ва дуюм мазмуни «барномавӣ». Асоси методологии таснифоти мазкурро меъёрҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ ташкил медиҳанд. Зеро меъёрҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ ҳам ҳолатҳоеро дар бар мегиранд, ки ҷомеа ва давлат айни замон ба даст овардаанд ва ҳам ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки ҷомеа ва давлат фаро расидани онро мехоҳанд. Масалан, дар асосҳои сохтори конститутсионӣ муқаррар кардани ягона ва дунявӣ будани давлат, ҳуқуқҳои табиии инсон, муқаддасоти давлатӣ, ҳудуди марзию маъмурии давлат мазмуни «аслӣ» доранд. Яъне танзими ҳақиқии онҳо дар амалия ба назар мерасанд. Аммо ҳуқуқбунёд, демократӣ, иҷтимоӣ будани давлат, калфолати амалишавии ҳамаи ҳуқуқҳои инсон, бунёди ҷомеаи адолатпарвар мазмуни барномавӣ дошта, пурра ҷорӣ намудани онҳо ғайриимкон мебошад.

Таҳлили мафҳум ва моҳияти асосҳои сохтори конститутсионӣ ба мо имконият

медиҳанд, ки хусусиятҳои онро муайян кунем. Асосҳои сохтори конститутсионӣ ҳамчун падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ аз инҳо иборат мебошад:

1. Асосҳои сохтори конститутсиониро бештар меъёрҳои қисми аввали конститутсияҳо мустаҳкам мекунанд;
2. Асосҳои сохтори конститутсионӣ новобаста аз унвони он муайянкунандаи сохтори ҷомеа ва давлат мебошад.
3. Асосҳои сохтори конститутсионӣ моҳияти давлат ва муносибати тарафайни давлат ва ҷомеаро дар шакли меъёрӣ - ҳуқуқӣ мустаҳкам мекунад.
4. Меъёрҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ на танҳо барои дигар меъёрҳо, балки барои низоми қонунгузорӣ сарчашма мебошанд.
5. Дар меъёрҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ на ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки танҳо муносибатҳои заминавӣ ва асосӣ мустаҳкам карда мешаванд.
6. Меъёрҳои асосҳои сохтори конститутсионӣ барои ҳама умумӣ, баробар ва якхела паҳн шуда мустақиман амал мекунанд.
7. Асосҳои сохтори конститутсиониро бо тартибе, ки муқаррар карда шудааст, тағйир додан мумкин аст. Дар бисёр давлатҳо онро тағйирнопазир эълон мекунанд.

Дар маҷмуъ асосҳои сохтори конститутсионӣ мафҳуми хуқуқию конститутсионӣ буда, шакл, моҳият ва сохтори давлат, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, муқаддасоти давлатӣ, асосҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ –иқтисодӣ ва мафкуравии ҳаёти ҷамъиятиро муайян мекунад.

Асосҳои сохтори конститутсионӣ бояд аз меъёрҳои ҳуқуқӣ – конститутсионие иборат бошад ки манфиатҳои ҷомеа ва давлатро боадолатона муқаррар намоянд. Аз он сарчашма гирфта дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ – конститутсионӣ ва дар заминаи онҳо тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба худ хислати боадолатиро мегиранд. Аз сабаби он, ки сохтори ҷомеа ва давлат дар ҳамаи давлатҳо хислати ба худ хос дорад, пас дар бораи моҳияти асосҳои сохтори конститутсонӣ умумӣ сухан рондан нодуруст аст. Ба ҳар ҳол мазмун ва моҳияти сохтори конститутсионӣ дар ҳамаи давлатҳо аз ду унсур иборат аст: шакл ва моҳияти давлат ва муносибати давлат ва шахс.

Ҳар як давлат новобаста аз Конститутсия бо ягон тарзу восита: дар сатҳи қонунгузорӣ (давлатҳои оилаи ҳуқуқии романо-олмонӣ) ё дар сатҳи меъёрҳои динӣ (давлатҳои оилаи ҳуқуқии мусулмонӣ) асосҳои сохтории давлат ва ҷомеаи худро муайян мекунад. Вобаста ба ин мо метавонем, ки давлатҳоро ба якчанд гурӯҳ тасниф кунем:

Гуруҳи якум давлатҳое, ки дар сатҳи Конститутсия асосҳои сохтори конститутсиониро чун боби алоҳида нишон дода, дар он асосҳои сохори ҷомеа ва давлати худро мустаҳкам намудаанд. Одатан чунин давлатҳо конститутсияи навишта доранд. Масалан, бобҳои аввали Конститутсияҳои Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон - асосҳои сохтори конститутсионӣ, Ҷумҳурии Узбекистон – соҳибихтиёрии давлатӣ, Ҷумҳурии Қазоқистон-ҳолати умумӣ номгузорӣ шудааст.

Гуруҳи дуюм давлатҳое, ки асосҳои сохтори конститутсиониашон ба таври пароканда дар санадҳои меъёрии гуногун муқаррар карда мешаванд. Одатан онҳо конститутсияи нонавишта доранд. Масалан, дар Англия Конститутсия дар шакли пароканда мавҷуд буда, аз чор қисм иборат аст. Қисми аввал санадҳои парламент буда, онҳо дар маҷмуъ вобаста ба сохтори ҷомеа ва давлат қабул карда мешаванд. То ҳол қариб 40 акти парламентро махсусан кайд кардан мумкин аст, ки муносибатхои муҳимтаринро ба танзим медароранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба монанди дигар давлатҳои аъзои ИДМ асосҳои сохтори ҷомеа ва давлат дар асоси боби якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааast. Асосҳои сохтори конститутсинӣ номгузорӣ шудани боби якуми Конститутсия ба қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст. Дар Конститутсияи соли 1978 - и ҶШС Тоҷикистон боби якум «Асосҳои сохтори ҷамъиятӣ ва сиёсати ҶШС Тоҷикистон» [9,

с.3] ном дошт. Баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 6 ноябри соли 1994 [8], бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ боби якуми он "Асосҳои сохтори конститутсионӣ" номгузорӣ шуда, то ҳол тағйир наёфтааст. Меъёрҳои боби якуми Конститутсияи Тоҷикистон асосҳои сотори конститутсионии Тоҷикистонро муқаррар мекунад. Он арзишҳои муҳимми ҷомеа ва давлатро ба қоидаҳои ҳатмии субъектҳои муносибаҳои ҳуқуқию конститутсионӣ табдил медиҳад. Дар он муҳимтарин хусусиятҳои ҳуқуқию давлатӣ, принсипу усулҳои бунёдии давлатдории Тоҷикистони муосир ифода ёфтаанд.

Ҳамин тавр, боби аввали Конститутсия моҳияти воқеии асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар гирифтааст ва ин сохтор аз принсипҳои бунёдие иборат аст, ки онҳо рушди муттасили ҳаёту фаъолияти давлат ва ҷомеаи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари мустақил ва ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ таъмин менамоянд.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Баглай М. В. Конституционное право Российской Федерации / М. В. Баглай. — Москва: Норма, 2007. – 784 с.*
2. *Эбзеева Б.С., Хазова Е. Н., Прудникова А. С. Конституционное право России. – Москва, Юнити-Дана, 2013. – 687 с.*
3. *Ганиев Дж. Ш. Основы конституционного строя как институт конституционного права / Дж. Ш. Ганиев // Государствоведение и права человека. Научно-практический журнал. – 2020. - №3(03) / Режим доступа:* https://www.law.tnu.tj
4. *Гошуляк В.В. Теоретико – правовые проблемы конституционного и уставного законодательства субъектов Российской Федерации: автореф. дисс. ... д-ра юрид. наук / В.В. Гошуляк. – Москва, 2000. – 48 с.*
5. *Гранкин, М. И. Конституционный строй: понятие и сущность / М. И. Гранкин // Конституционное и муниципальное право. – 2011. - № 8. – С. 3-7.*
6. *Червонюк В.И., Зинченко Е.Ю. Сущность конституционного строя и его нормативные основания / В.И.Червонюк, Е.Ю. Зинченко // Конституционное право; конституционный судебный процесс; муниципальное право. ПРАВО И ГОСУДАРСТВО: теория и практика. - 2021. - № 9(201) – С.183-186.*
7. *Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ /А.И. Имомов. Нашри чорум. Бо тағйироту иловаҳо. – Душанбе: Офсет Империя, 2017. – 760 с.*
8. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйироту иловаҳои солҳои 1999, 2003, 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 32 с.*
9. *Конституция (Основной закон) Таджикской Советской Социалистической Республики. 14 апреля 1978 года. Душанбе. Изд. Верховного совета Таджикской ССР, 1978. – 50 с./ Режим доступа:* https://www.prlib.ru
10. *Конституционное право России: учебник / под ред. Б. С. Эбзеева. – Москва: Проспект, 2019. — 768 с.*
11. *Катков Д.Б., Корчиго Е.В. Конституционное право России: Учеб. пособие/ отв. ред. Ю.А. Веденеев. – Москва: Юриспруденция 1999. – 284 с.*
12. *Кутафина О.Е., Козлова Е.И. Конституционное право России. – Москва: Проспект, 2006. – 565 с.*
13. *Михалева Н.А. Конституции и уставы субъектов Российской Федерации (сравнительно-правовое исследование). – Москва, 2010. – 142 с.*
14. *Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи ҳуқуқ ва давлат. Нашри дуюм. – Душанбе, 2002. – 446 с.*
15. *Стрекозов В.Г., Казанчев Ю.Д. Конституционное право Российской Федерации: учебник / В.Г. Стрекозов, Ю.Д. Казанчев. – Москва: МГЭИ, 1997. – 288 с.*

**_REFERENCES:_**


1. *Baglai M. V. Constitutional Law of the Russian Federation: - Moscow, Norma, 2007. - 784 pp.*
2. *B.S. Ebzeeva, E. N. Khazova, A. S. Prudnikova. M. Constitutional right of Russia: - Moscow, Unity - Dan, 2013. - 687 pp.*
3. *Ganiev Zh.Sh., The Basis of the Constitutional System as an Institute of Constitutional Law // Political Science and Human Rights. Scientific and practical journal. No. 3(03). 2020. https://www.law.tnu.tj*
4. *Goshulyak V.V. Theoretical and Legal Problems of Constitutional and Statutory Legislation of the Subjects of the Russian Federation: Abstract of diss. ... Doctor of Law. Moscow, 2000. - 48 pp*
5. *Grankin, M. I. Constitutional structure: concept and essence / M. I. Grankin // Constitutional and municipal law. - 2011. - No. 8. - PP. 3-7.*
6. *Chervonyuk and E. Yu. Zinchenko, The Essence of the Constitutional Structure and its Normative Foundations / V.I. Chervonyuk, E. Yu. Zinchenko // Constitutional law; constitutional judicial process; municipal law. - PP.183-186.*
7. *Imamov A.I. Constitutional Law of Republic of Tajikistan. Manual /A.I. Imomov. The fourth edition. Amended and supplemented. – Dushanbe: Offset Empire, 2017. – 760 pp.*
8. *Constitution of the Republic of Tajikistan with changes and additions of 1999, 2003 and 2016 years. – Dushanbe: Ganj, 2016.-32 pp.*
9. *Constitution (fundamental law) of the Tajik Soviet Socialist Republic. April 14, 1978. Dushanbe, Publishing house Supreme Council of the Tajik USR-1978. -50 pp. https://www.prlib.ru*
10. *Constitutional Right of Russia: textbook / B. S. Ebzeeva, Moscow: Prospect, 2019. - 768 pp.*
11. *Katkov D.B., Korchigo E.V. Constitutional Law of Russia: Teaching aid. U.A. Vedeneev - Moscow: Jurisprudence 1999. -284 pp.*
12. *Kutafina O.E. Kozlova E.I., Constitutional Law of Russia. Moscow: Prospect, 2006. - 565 pp.*
13. *Mikhaleva N.A. Constitution and Statutes of Subjects of the Russian Federation (comparative legal research). - M., 2010. -142 pp.*
14. *R.Sh. Sotivoldiev, Theory Right and State. The second edition. Dushanbe, 2002. - 446 pp.*
15. *Sterekozov V.G., Kazanchev U.D. Constitutional Law of Russia of the Russian Federation: Uchebnik MGEI, 1997. -288 pp.*